# ХУЛОСАИ ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-014 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМҲОИ ИҚТИСОДӢ

**Парвандаи аттестатсионии №______________**
**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 26.08.2024, №46**

Барои сазовор донистани Олимов Умедҷон Маҳмадшоевич, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07. -Молия, муомилоти пулӣ ва қарз.

Диссертатсияи Олимов Умедҷон Маҳмадшоевич дар мавзуи «Ҳолати муосир ва дурнамои рушди низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07. -Молия, муомилоти пулӣ ва қарз санаи 21 июни соли 2024, дар асоси хулосаи мусбати комиссияи экспертӣ барои ҳимоя қабул карда шуд, суратмаҷлиси №60 Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14), ки он дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, таҳти №13/шд таъсис дода шудааст.

Унвонҷӯ Олимов Умедҷон Маҳмадшоевич, соли таваллудаш 23.08.1991, миллаташ тоҷик, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳоло ба ҳайси амалиётгар-хазинадори маркази хизматрасонии бонкии ҶСК “Ориёнбонк” дар шаҳраки Навободи ноҳияи Рашт фаъолият намуда истодааст.

Соли 2010 ба Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон) аз рӯйи ихтисоси фаъолияти бонкӣ дохил шуда, соли 2014 донишгоҳи мазкурро хатм намудааст. Пас аз хатми зинаи бакалавриат, соли 2014 ба Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон) ба зинаи магистратура дохил шуда, соли 2016 донишгоҳи мазкурро аз рӯйи ихтисоси молия ва қарз хатм намудааст.

Аз соли 2019 то соли 2023 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ба ҳисоб мерафт.

Аз соли 2016 то ҳол ба ҳайси амалиётгар-хазинадори маркази хизматрасонии бонкии ҶСК “Ориёнбонк” дар шаҳраки Навободи ноҳияи Рашт фаъолият намуда истодааст.

**Роҳбари илмӣ:**

**Содиқов Метархон Соқибекович** - доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи иқтисоди ҷаҳони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

**Султонов Зубайдулло Султонович -** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон.

**Ҳалимов Лоиқ Мирзовалиевич -** номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, ба диссертатсия хулосаи мусбат доданд.

**Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар тақризи худ, ки аз ҷониби н.и.и., дотсенти кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Сайфуров К.Ф. таҳия гардида, дар ҷаласаи кафедраи молия ва қарз баррасӣ ва муҳокима карда шудааст (суратҷаласаи №11, аз 29.06.2024) ва аз ҷониби ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон д.и.ҳ., профессор Насриддинзода Э.С. тасдиқ шудааст, хулосаи мусбат додааст.

Дар тақриз хулоса бароварда шудааст, ки диссертатсияи Олимов Умедҷон Маҳмадшоевич дар мавзуи «Ҳолати муосир ва дурнамои рушди низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон», кори илмию таҳқиқотии мустақилона ба итмомрасида дониста шуда, ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рисолаҳои номзадӣ аз рӯйи ихтисос, ки бо "Низомномаи шурои диссертатсионӣ" ва "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ" муқарраршуда ва бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Олимов Умедҷон Маҳмадшоевич барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз сазовор мебошад.

Автореферат ва корҳои илмии нашршудаи довталаби дараҷаи илмӣ пурра мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос менамояд. Дар хулосаи мусбат қайд шудааст, ки довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия 6 интишороти илмӣ, аз ҷумла 3 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда дорад.

**Муҳимтарин интишороти муаллиф доир ба мавзуи диссертатсия:**

**Мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда:**

**[1-М].** Олимов, У. М. Зарубежный опыт организации банковских систем / У. М. Олимов // Финансово-экономический вестник. – 2021. – № 3(27). – С. 194-201. ISSN: 2663-0389

**[2-М].** Олимов, У. М. Роҳҳои такмили низоми бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / У. М. Олимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши

илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. – №. 7. – С. 176-182. ISSN 2413-5151.

**[3-М].** Олимов, У. М. Ташаккулёбии сиёсати бонкӣ дар доираи барномаҳои молиявии кишвар / У. М. Олимов // Паёми молия ва иқтисод. – 2023. – №. 4-2(39). – С. 463-472. ISSN: 2663-0389

**Дар дигар нашрияҳо:**

**[4-М].** Олимов, У. М. Особенности организации банковской системы в условиях рыночной экономики / У. М. Олимов // Вестник Таджикского педагогического института в Раштском районе. – 2021. – № 1(5). – С. 191-196.

**[5-М].** Олимов, У. М. Рушди низоми бонкии кишварҳои хориҷӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ. / У. М. Олимов // Конфронси байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи Татбиқи сиёсати мусоидат ба содирот ва воридотивазкунии ҶТ дар шароити ҷаҳонишавӣ. ДДМИТ 23.12.2023. С.122-129.

**[6-М].** Олимов, У. М. Особенности развития банковских систем зарубежных стран. /Олимов У.М. // Сборник материалов международной научно-практической конференции на тему «Таджикистан в системе современных международных финансово-кредитных отношений» Душанбе, 2021. С. 225-230.

**Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо ворид шуданд:**

**1. Ҷабборов Абдусаттор Ҷабборович доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи идоракунии молияи давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,** бо чунин эрод: **1)** Хуб мебуд агар муаллиф дар асоси омӯзиши асосҳои назариявии низоми бонкӣ як ҷадвалро оид ба мафҳуми низоми бонкӣ аз ҷониби муаллифони ватанӣ ва хориҷӣ таҳия менамуд.

**2. Садриддинов Манучехр Исломиддинович доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, дотсенти кафедраи назарияи иқтисодӣ ва фаъолияти соҳибкории Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон** бо чунин эрод: **1)** Муаллиф бояд ба таҳлили таъсири омилҳои беруна, аз қабили бӯҳронҳои иқтисодии ҷаҳонӣ, тағйирот дар низоми ҷаҳонии асъор, таҳримҳо ва маҳдудиятҳо ва муҳоҷирати қувваи корӣ диққати бештар диҳад. Ин омилҳо метавонанд ба рушди низоми бонкии Тоҷикистон таъсири мусбат ва манфӣ расонанд.

**3. Сатторов Абдурасул Абдуғаффорович номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, декани факултети иқтисодиёт ва молияи Донишгоҳи технологии Тоҷикичтон**, бо чунин эродҳо: 1. Беҳтар мешуд агар муаллиф нақши ташкилотҳои қарзии низомсозро дар ташаккули низоми бонкӣ ва суботу устувории он дида мебаромад; 2. Мутаассифона, дар бораи истифодабарии метод ва усулҳои Базел дар автореферат оварда нашудааст.

**4. Боймуродов Ҷовид Ҷаъфарҷонович, номзади илмҳои иқтисодӣ, Сардори Шуъбаи амалиётии ҶСП “Спитамен-Бонк”** бо чунин эрод: **1)** Унвонҷӯ бояд механизми низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо таҷрибаи ягон низоми бонкии давлати иқтисодиёташ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон монанд муқоиса менамуд.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, қисме аз эродҳо хусусияти тавсиявӣ доранд.

**Интихоби муқарризони расмӣ** бо пешниҳоди комиссияи ташхисии шурои диссертатсионӣ, инчунин бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқи масъалаҳои низоми бонкӣ, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳаммияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо розигии шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст.

**Интихоби муассисаи пешбар** бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

**- консепсияи илмие пешниҳод шудааст**, ки ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии ташаккул ва рушди низоми бонкӣ дар шароити муосир, ба таври мукаммал ташкили бозор бо фаъолияти муосири иқтисодӣ, маблағгузории иқтисодиёти миллӣ, қарздиҳӣ ба субъектҳои бозор, татбиқкунии хизматрасониҳои молиявӣ ва суғурта, хариду фурӯши коғазҳои қиматнок ва дигар амалиётҳое, ки барои рушди муосири иқтисоди миллӣ шароит фароҳам меоранд, талаб мекунад.

- ***пешниҳод шудааст:*** а) таърифи муаллиф бо чунин мазмун, ки низоми бонкӣ ҷузъи низоми иқтисоди миллӣ ва маҷмуи муассисаҳои бонкӣ ва ғайрибонкие мебошанд, ки амалиёти гуногуни бонкиро анҷом медиҳанд; б) низоми бонкӣ маҷмуи муассисаҳои гуногуни молиявӣ ки ба ҷалб, ҷойгиркунӣ ва истифодаи маблағҳо, инчунин анҷом додани амалиёти дигари марбут ба пул ва коғазҳои қиматнок марбутанд, маънидод мегардад. Унсурҳои асосии низоми бонкӣ бонкҳои марказӣ, бонкҳои тиҷоратӣ, ташкилотҳои қарзӣ ва ташкилотҳои молиявии ғайрибонкӣ, аз қабили ширкатҳои суғурта ва фондҳои сармоягузорӣ дар таъмини рушди босуботи иқтисодӣ заминаи молиявӣ мегузоранд.

- ***исбот шудааст:*** а) хусусиятҳои ташаккули низоми бонкӣ дар шароити рушди иқтисодиёти миллӣ, ҷалби маблағҳо дар шакли пасандозҳо ҳам аз ҳисоби аҳолӣ ва ҳам аз ҳисоби шахсони ҳуқуқӣ ва инчунин аз ташкилотҳои давлатӣ, махсусияти ташкили ҳисоббаробаркуниҳои нақдӣ, бозори хизматрасонӣ оид ба ҷалби маблағ ба низоми бонкӣ, ҷойгир намудани

маблағҳои ҷалбшуда дар соҳаҳои фоидаовартарини иқтисодиёт ва ҳолати муосири низоми бонкӣ дар кишвар арзёбӣ гардидааст; б) шароит ва омилҳое, ки ба рушди бахши низоми бонкӣ таъсир мерасонанд ва инчунин нақш ва мақоми низоми бонкӣ ҳамчун механизми муҳимтарини ташкили низоми молиявии рушди фаъолияти иқтисодиёти кишвар аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шудааст.

- ***ҷорӣ намудани 1)*** технологияи инноватсионӣ ва рақамикунонии низоми бонкӣ, чораҳои кибербехатарӣ, устуворнокии фаъолияти муассисаҳои молиявӣ, идоракунии самараноки бозори молиявӣ ва мукаммалнамоии хизматрасонии муосири сектори бонкӣ; 2) баланд бардоштани иқтидор ва рақобатпазирии муассисаҳои молиявӣ ва рушди инфрасохтори бахши молиявӣ, таъмини мавҷудият ва диверсификатсияи самтҳои маблағгузории дарозмуддати бахши иқтисодиёти воқеӣ, васеъ намудани номгӯи маҳсулот ва хизматрасониҳои молиявии дорои хусусияти инноватсионӣ, таҳкими иқтидори кадрии ташкилотҳои молиявӣ дар ҳама сатҳҳои низоми бонкӣ, амиқ кардани ислоҳоти институтсионалӣ дар бахши молиявӣ, ки барои таъмини рушди устувори бозори молиявӣ мусоидат мекунанд.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст, ки:**

- натиҷаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои дар таҳқиқот бадастомада барои баландбардории самаранокии низоми бонкӣ ва дигар сохторҳои таркибии бозори молиявӣ асосҳои усулӣ ва амалӣ хоҳанд гашт.

- ***методикаи*** вобаста ба омӯзиши масъалаҳои иқтисодии низоми бонкӣ аз ҷониби муаллиф пешниҳодҳои амалию илмӣ оиди он тавсия асоснок гардидааст. Барои ташаккул ва рушди низоми бонкӣ дар кишвар таҳкими суботи молиявӣ ва иқтидори назоратии БМТ, аз ҷумла рушди малакаҳои кормандон дар истифодаи технологияҳои иттилоотӣ, идоракунии хавфҳо ва моделсозӣ, таҳкими низоми мониторинги хавфи асъорӣ, хавфи пасандозҳои калон, сифати қарзҳо аз рӯи бахшҳо, инчунин хавфҳои бозорӣ, таъмини гузариш ба низоми шинокунандаи қурби асъор ва паст кардани сатҳи долларикунонӣ, баланд бардоштани устувории ташкилотҳои молиявӣ ва фароҳам овардани шароит барои ташаккули низоми сезинаи қарздиҳӣ, таъмини фаъолияти биржаи фондӣ ва бозори такрории коғазҳои қиматнок ва диверсификатсияи манбаъҳои маблағгузории берунии бахши воқеии иқтисодиёти миллӣ ва ғайраҳо зарур дониста шудаанд.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта** ҳамчун олоти таҳқиқ ҳангоми коркард ва таҳлили рақамҳо усулҳои таҳқиқоти мафҳумию мантиқӣ, монографӣ, ҳисобию конструктивӣ, анализу синтез, иқтисодию оморӣ самаранок истифода шуданд.

**- баён шудааст, ки:** 1) Барои ташаккули бахши муосири бонкӣ ва самаранокии он бояд ҳарчи зудтар тағйиротҳо дар бозор васеъ омӯхта шаванд

ва дар ин замина таъмини рушди босуботи иқтисодиёти кишвар амалӣ гардад. Самтҳои афзалиятноки рушди низоми бонкӣ аз ин нуқтаи назар илман асоснок карда шудааст. 2) бо мақсади муайян кардани омилҳое, ки ба рушди низоми бонкӣ таъсир мерасонанд, муаллиф дар асоси таҳлилҳои илмӣ самтҳои асосиро муайян намуда, дар асоси онҳо роҳҳои такмили рушди низоми муосири бонкӣ пешниҳод намудааст.

- **ошкор гардидани** хусусиятҳои ташаккули низоми бонкӣ ва самаранокии фаъолияти бонкӣ; а) ташаккул ва рушди бахши бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба вазъи иҷтимоию иқтисодии кишвар мусоидат мекунад, пеш аз ҳама бо татбиқи ислоҳоти иқтисодӣ, такмили меъёрҳои ҳуқуқӣ, такмили низоми бонкӣ, рушди муносибатҳои бозорӣ, либерализатсияи бозор, ҷараёни мунтазами маблағҳои муҳоҷирон, қабули барномаҳои гуногуни иқтисодӣ, бахусус Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, такмили муносибатҳои байни миллатҳо ва ғайра алоқаманд аст; б) самаранокии фаъолияти бонкӣ дар заминаи рушди муносибатҳои истеҳсолӣ ва рушди саноат, бунёди марказҳои молиявии муосир, рушди соҳибкории хурду миёна, баланд бардоштани маданияти молиявии аҳолӣ, ҷалби сармояии ватаниву хориҷӣ, инчунин диверсификатсияи амалиёти бонкӣ ва дигар нишондиҳандаҳое, ки рушди низоми бонкиро муайян мекунанд, шарти муҳимми рушди устувор арзёбӣ мегардад.

- ***омӯхта шуданд:*** махсусияти рушди низоми бонкӣ дар шароити бозор, аз ҷумла: шароит ва омилҳои муайянкунандаи рушди низоми бонкии кишвар ва самтҳои афзалиятноки он, муассисаҳои молиявию ғайримолиявӣ барои таъмин намудани рушди босуботи иқтисодӣ, маблағгузории иқтисодиёти миллӣ, қарздиҳӣ ба субъектҳои бозор, масъалаи самарабахшии фаъолияти низоми бонкӣ бо мақсади таъмини худтаъминкунии молиявӣ ва ғ.

- **аз нав такмил додани** методикаи хусусиятҳои омилҳои зиёди таъсиррасони мусбат ва манфӣ ба низоми бонкӣ ва умуман ба бозори молиявӣ пешниҳод шудааст, ки аз ҷониби муаллиф онҳо ба қисматҳои алоҳида ҷудо карда шудаанд.

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия** дар он аст, ки натиҷаҳои бадастомадаро сохторҳои марбути соҳаи бонкдорӣ дар фаъолияти кории худ барои баланд бардоштани самаранокӣ ва таъмини устуворнокии фаъолияти бонкӣ истифода намоянд.

- тавсияҳои методӣ ва амалии таҳиякардаи муаллиф дар раванди тадриси фанҳои «Фаъолияти бонкӣ», «Муомилоти пул ва қарз», «Танзим ва назорати бонкӣ», «Баҳогузории фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ» дар Донишгоҳи

давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон истифода шудаанд (санади татбиқи натиҷаҳо аз аз 22.12.2023 таҳти №29).

- **муайян карда шуданд:** тавсияҳои амалӣ оид ба такмили самаранокии низоми бонкӣ пешниҳод гардидаанд, ки ин ба механизми таҳкими дастгирии рушди устувори молия ва дастрасии молиявӣ ва нигоҳ доштани мавқеи устувор ва рақобатпазирии ташкилотҳои молиявии ватанӣ ва мукаммал гардонидани зерсохтори молиявӣ таъсири мусбӣ мерасонад.

- ***муаррифӣ карда шуданд:*** 1) махсусияти рушди низоми бонкӣ дар шароити бозор; 2) шароит ва омилҳои муайянкунандаи рушди низоми бонкии кишвар; 3) самтҳои афзалиятноки рушди низоми бонкӣ ва роҳҳои баланд бардоштани самаранокии онҳо.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки:**

- **назарияи** низоми муосири бонкӣ ҳамчун ҷузъи муҳимтарини низоми молиявии кишвар нишон дод, ки дар фаъолияти хоҷагидории кишвар низоми бонкӣ рушди устувори молиявиро таъмин карда, барои ҳалли масъалаҳои муосири иқтисодӣ, шароити мусоид фароҳам оварад.

- **ғоя** ба муқаррароте асос ёфтааст, ки танзими низоми бонкӣ, самтҳои асосии сиёсати пулию қарзӣ ва асъорӣ ва таъмини нишондиҳандаҳои мақсадноки он, баланд бардоштани нишондиҳандаҳои бонкӣ аз қабили пасандозҳо, афзоиши дороиҳои бонкӣ, рушди динамикаи суратҳисоби бонкҳо ва динамикаи қарзҳо, беҳтарсозии вазъи ташкилотҳои молиявию қарзӣ, афзоиши ҳаҷми пул, дар сатҳи муътадил нигоҳ доштани меъёри фоизӣ ва мукаммалнамоии хизматрасонии муосири бахши молиявӣ оварда мерасонад.

- **истифодаи** чораҳои танзим ва дастгирии низоми бонкӣ аз ҷониби давлат тавсия гардида, оид ба рушди низоми бонкӣ, тақвият додани нақши низоми бонкии кишвар, омӯзиши ҷанбаҳои гуногуни назариявии бонкдорӣ, диверсификатсияи амалиёти бонкӣ, ҷорӣ намудани хизматрасониҳои электронӣ, таъмини пардохтпазирӣ ва қобилияти пардохтпазирии бонкҳо, баланд бардоштани эътимод ба бонкҳо, ҷорӣ намудани технологияҳои илмталаб тавсияҳо коркард ва пешниҳод шудаанд.

- **муайян карда шуд:** 1) бо афзоиши минбаъдаи сармоядорӣ ва дороиҳои бонкӣ, баланд бардоштани маданияти молиявии аҳолӣ, рушди муносибатҳои истеҳсолӣ ва рушди саноат, бунёди марказҳои муосири нақлиётию тиҷоратӣ, рушди соҳибкории хурду миёна, мукаммалнамоии хизматрасонии бонкӣ ва ҷалби сармояи хориҷӣ, инчунин диверсификатсияи амалиёти бонкӣ самаранокии низоми бонкиро таъмин кардан мумкин аст. 2) Капитализатсияи бонкҳо, баланд бардоштани сифати маблағҳои худӣ, диверсификатсияи маҳсулоти бонкӣ, баланд бардоштани даромаднокӣ, васеъ намудани ҳаҷми захираҳои дарозмуддат, васеъ намудани бозтамвил ва кам кардани арзиши

хизматрасониҳои бонкӣ ба рушди устувори фаъолияти бонкӣ оварда мерасонад.

3) амалисозии чунин тадбирҳо имконият медиҳад, ки дар оянда барои таъмин устуворнокии низоми бонкӣ аз тарафи мақомотҳои дахлдорӣ соҳавӣ корҳои зарурӣ анҷом дода шавад. Автореферати диссертатсия аз санҷиши асолати илмӣ гузашта, маълумотнома аз барномаи “Антиплагиат” мутаносибан сатҳи онро 83,85% ва диссертатсия 77,7% нишон додааст.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот дар:** 1) муаллиф дар тавсеаи назарияи бонкдорӣ, дороиҳои бонкӣ ва механизмҳои идоранамоии дороиҳои бонкӣ саҳми муайян гузоштааст; 2) дар асоси омӯзиши муқаррароти назариявӣ, муаммоҳои ташаккули дороиҳои бонкӣ ва идоранамоии онҳо, ки аз хусусиятҳои рушди иқтисоди миллӣ дар шароити ноустувории молиявии ҷаҳонӣ бармеоянд, омилҳо ва механизмҳои асосии таъмини устувории дороиҳои бонкии кишвар муайян карда шудааст; 3) иҷрои нақшаи кории илмӣ дар ҳамаи давраҳо ҷиҳати: интихоб ва таҳияи мавзуъ, асосноккунӣ ва мубрамияти он, мақсади гузошташуда ва нақшаи кории иҷрои вазифаҳои он бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шудааст; 4) дар омода намудани 6 мақола, аз он ҷумла 3-адад мақолаи илмӣ дар нашрияҳои Комиссияи олии аттестасионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистоноид ба масъалаи омӯхташуда иборат аст.

Шурои диссертатсионӣ ба хулоса омад, ки таҳқиқоти диссертатсионии Олимов Умедҷон Маҳмадшоевич дар мавзуи «Ҳолати муосир ва дурнамои рушди низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, кори мустақилона анҷомшудаи илмӣ ва тахассусӣ маҳсуб ёфта, дорои мубрамӣ, навгониҳои илмӣ ва аҳамияти назариявию амалӣ мебошад ва дар таҳкими асосҳои назариявию методии идоракунии дороиҳои бонкӣ саҳм гузошта, имкон медиҳад, ки масоили ҳалталаби соҳа ҳаллу фасл гарданд. Диссертатсия ба бандҳои 10.1; 10.2; 10.5, 10.5, 10.18 ва 10.21-и Шиносномаи ихтисосҳои илмии КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мувофиқат мекунад.

Дар маҷлиси Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 аз санаи 26.08.2024 қарори сазовор донистани Олимов Умедҷон Маҳмадшоевич бо дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисод аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 15 нафар аъзоёни шуро 11 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм – 10 нафар, мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда 4 нафар. Аз 11 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта

овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ: «Тарафдор» –11 нафар, «Муқобил» – нест, «Бетараф» – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Фақеров Ҳ.Н.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ** **Убайдуллоев Ф.К.**

**26 августи соли 2024.**